К-34

АЗ ОСОРИ ҲАКИМ
САНОИИ ҒАЗНАВӢ

## БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# РӮБОҲИ ПИР ВА НОМА

«САД ПАНД»

МАОРИФ



тоу 2
Мо1 К-34

АЗ ОСОРИ ҲАКИМ
САНОИИ ҒАЗНАВӢ

БОЗГӮЙИ ҒУЛНАЗАР

# РӮБОҲИ ПИР ВА НОМА

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»
2015

**ББК 84 тоҷик 7-4**
**Г-76**

**Г-76. Рӯбоҳи пир ва нома.** -Душанбе, «Маориф», 2015.-8 саҳ.

КДБҶ ба номи
М. МИРШАКАР

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ аз суханварони бузурги адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад. Вай дар асри XI зиндаги карда, аз худ осори бебаҳои пур аз панду андарз ба мерос гузоштааст. Ин ҳикоят яке аз онҳост.

ISBN 978-99947-1-293-9
© «МАОРИФ», 2015

КДБҶ ба номи
М. МИРШАКАР
ТОЛОРИ ХИЗМАТРАСОНӢ
БАРОИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ
ХУРДИ МАКТАБӢ

Рӯбоҳи пире бисёр мехост, ки ноаён ба деҳа дарояду аз хонаи мардум якто-якто мурғи фарбеҳро бидуздад ва дар сояи буттаҳои беша бофароғат нӯши ҷон кунад. Аммо сағҳои ҳушёри деҳа ба ин роҳ намедоданд. Ва нияти рӯбоҳи пир барбод мерафт. Рӯбоҳи пир ба андеша рафт, фикр карда-фикр карда ниҳоят илоҷи корро ёфт.

– Ба сагон нома менависам. Онҳоро ба сулҳ, ба ёриву бародарӣ даъват мекунам ва мегӯям, ки хидмати шумо бе мукофот намемонад. Ҳар дафъа як пойи фарбеҳи мурғеро ба шумо тақдим мекунам.

Аммо дар миён як мушкил буд:





кӣ ин номаро ба сагон мерасонад? Агар худаш барад, ҷонаш дар хатар аст. То ба сагҳо нияташро мефаҳмонад, ки онҳо пора-порааш мекунанд.

Чӣ бояд кард? Дар ҳамин соат рӯбоҳи ҷавони чаққоне аз роҳ мегузашт. Рӯбоҳи пир бисёр хурсанд шуд ва ӯро аз роҳ боздошт.

– Эй рӯбоҳи ҷавони чолоку хирадманд, як хоҳиш дорам.

Рӯбоҳи ҷавон бозистоду гуфт:

– Чӣ хоҳиш?

– Ман хеле пири фартут шудаам. Ба сагони деҳа номаи сулҳу бародарӣ навиштаам. Мехоҳам, ки ба онҳо расонам. Аммо тавонам нест, ту ин



корро, албатта, ба ҷо оварда метавонӣ.

Рӯбоҳи ҷавон мафтуни ин таърифҳо нашуду равона пурсид:

– Ман?

Рӯбоҳи пир бо илтиҷо гуфт:

– Албатта, ту. Барои ин хидматат дусад дирам медиҳам.

Рӯбоҳи ҷавон хандиду гуфт:

– Баъди ин ки сагҳо маро пора-пора карданд, дусад дирами ту ба чӣ кор меояд?! Ман ҷони худро барои чанд пули пучак ба хатар намемонам.

**Бах, баҳ, он кас, ки нафсро дорад,**
**Дом дар пеши хеш нагзорад.**



КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР
2594

# АЗ ОСОРИ ҲАКИМ САНОИИ ҒАЗНАВӢ

## БОЗГӮЙИ ГУЛНАЗАР

# РӮБОҲИ ПИР ВА НОМА


Муҳаррир Бурҳони Салмон
Муҳаррири техникӣ Робия Абдуллоева
Тарроҳ ва ороишгар Фирдавс Давлатбеков
Рассом Сайёра Имоддинова
Ҳуруфчин Суруш Зайниддинов

Ба чопаш 13.01.2015 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши № 24/2015

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел: 98-552-89-89. E-mail: najmiddin64@mail.ru

МАОРИФ

9789994712939